# ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-055
# ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМ

**Парвандаи аттестатсионии № 12**

**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 16.10.2021, суратҷаласаи № 34 барои сазовор донистани Холов Рустам Шермаҳмадович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.**

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ» аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор санаи 06.07.2021, қарори № 33 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055, дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.), ки он дар асоси фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июли соли 2019 таҳти № 166 ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаб Холов Рустам Шермаҳмадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 29 сентябри соли 1977 дар шаҳри Ҳисор таваллуд шудааст. Соли 1994 ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ба факултети баҳисобгирии иқтисодӣ, ихтисоси омор дохил шуда соли 1999 бо мувофақият хатм намудааст. Аз соли 2006 то ҳол ба ҳайси муаллими калон дар кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият дорад.

Тӯли солҳои 2008-2012 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Мирзоев Сайали Сайвалиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷурабоев Ғафурҷон Ҷурабоевич-** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи “Идоракунии давлатӣ ва маҳалии”-и Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат;

**Ашуров Фируз Маҳмадалиевич –** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200 – Омор, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ки ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** –Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, дар тақризи худ, ки аз тарафи номзади илмҳои иқтисодӣ, Ш.Р. Шарипов навишта шуда, дар ҷаласаи муштараки кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 2021, суратҷаласаи № 2 баррасӣ гардида, аз тарафи Ректори донишгоҳи технологии Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ., профессор И.Т. Амонзода аз 27 сентябри соли 2021 тасдиқ шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Холов Рустам Шермаҳмадович дар мавзӯи «Таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ» кори илмию таҳқиқотии мукаммал аст, ки он ба мавзӯи мубрами рӯз бахшида шудааст ва ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пурра мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршуда пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Ҳамзамон дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст қайд шудааст, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 11адад интишороти илмӣ, аз он ҷумла 5 адад мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда доранд.

**Рӯйхати корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Холов Р.Ш. Омӯзиши омории қобилияти харидории пули миллӣ дар асоси методи андозагирии И.Фишер. // Паёми ДМТ (маҷалаи илмӣ) №1(9) .Душанбе 2017

2. Холов Р.Ш. Истифодаи модели оморӣ дар динамикаи ҳаҷми пули миллӣ . // Паёми ДМТ (маҷалаи илмӣ) №2(4) 0,25ҷ.ч.Душанбе 2018

3. Холов Р.Ш. Мирзоев С.С. Таҳлили сохтории таъсири омилҳо ба сатҳ ва динамикаи монетизатсияи иқтисодиёт. // Паёми ДДМИТ (маҷалаи илмӣ) №1(9) .Душанбе 2020

4. Холов Р.Ш. Тавсиф ва баҳои оморӣ-иқтисодии нишондиҳандаҳои асосии ташакули равандҳои манетизатсияи иқтисодиёти миллӣ //Паёми ДДМИТ (маҷалаи илмӣ) №1(12) .Душанбе 2020.

5. Холов Р.Ш. Таҳлили омилии сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ // Паёми ДДТТ (маҷалаи илмӣ) №1(35) Душанбе 2021.

**Дар дигар нашрияҳо:**

1. Холов Р.Ш. Бюджетные трансферты и их роль в ввыравнении уровня социально-экономического развия региона. // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назарявии устодон ва донишҷӯёни ДМИТ бахшида ба соли ҷавонон ва 20-умин солгарди ваҳдати миллӣ.
2. Холов Р.Ш., Солиев Б.Н. Таҳлили сохторӣ–динамикаи нишондиҳандаҳои сандуқи қарзии низоми бонкӣ. // Холов Р.Ш. /Маводҳои конфронси илмӣ– амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами ҳисобдорӣ, таҳлил, аудит ва омор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". Душанбе 23-юми декабри соли 2017.–С.181– 184.
3. Холов Р.Ш. Солиев Б.Н. Изатуллоев М.Н. Иттилооти оморӣ ҳамчун қисми таркибии системаи иттилооти глобалӣ. // Маводҳои конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ". Душанбе, 25-уми ноябри соли 2017.-С.18-21(0,25ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,10 ҷ.ҷ.).
4. Холов Р.Ш. Макроэкономическая оценка влияния налоговых поступлений на динамику экономического роста. // Вестник Финансово-экономического института Таджикистана (научный журнал) (ISSN-2408-929X) №2(10), Душанбе: «ФЭИТ»- 2017.
5. Холов Р.Ш. Андозагирии омории риёзӣ-қобилияти харидории пули миллӣ дар асоси методи И.Фишер. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Нақши математика дар иқтисодиёт”-2018.
6. Холов Р.Ш. Иматшоев З.Х. Омӯзиши омории таъмини иқтисодиёт бо пули миллӣ. // Маводи конференсияи ҳайати проффесорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

“Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-2021”(12-17 апрели соли 2021)

1. **Ба унвони автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Аламшоев А.Қ.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

а) Дар навгонии илмии қисми 2, муаллиф дар бораи методологияи нав маълумот овардааст, аммо маълумоти пурра дар бораи усул дида намешавад;

б) Дар саҳифаи 12, ҷадвали 1 динамикаи монетизатсияи иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019 оварда шудаанд, аммо ин ҳолат муфассал таҳлил карда нашудаанд. Хуб мешуд, ки таъсири кадом омилҳо боиси афзоиши сатҳи тавварум гаштааст, мавриди омӯзиши омори қарор дода мешуд, чунки дар шароити муосир таъсири тавварум ба беҳдошти рушди иқтисодӣ назаррас мебошад. Аз ин лиҳоз, характери ноустувории нишондиҳандаҳои омилӣ як қатор мушкилиҳоро дар гузаронидани таҳлили омилӣ ва муқоиса намудани натиҷҳои таъсиррасонро ба сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ ба вуҷуд оварданд;

в) Дар саҳифаи 17-и автореферат муаллиф қайд намудааст, ки омили дигаре, ки ба коэффитсенти сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонад, коэффитсенти сатҳи моилнокии субектҳои хоҷагӣ ба пасандоз мебошад.Муаллиф натиҷагирӣ карда аст, ки дар солҳои 2015-2019 таъсири омилҳои гуфташуда ба сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт гуногун буда, хусусияти ноустувориро доранд ва ноустуворӣ пурра ифода наёфтаанд.

2. **Саломзода Ғ.Ғ.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, Котиби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

а) Аз тарафи унвонҷӯ паҳлуҳои таърихии низоми пулӣ дар заминаи андешаи олимони хориҷӣ расми 1 (дар саҳ. 10) оварда шудааст. Хуб мешуд дар ин ҷо андешаҳои олимони ватанӣ низ ҷой дода мешуд;

б) Дар ҷадвали 5 (саҳ. 19) дурнамои сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ дар асоси модели мултипликативӣ ва аддитивӣ нишон дода шудааст, хуб мешуд агар муаллиф сабабҳои натиҷагирии нишондиҳандаи мазкурро ба таври мушаххас шарҳ медод.

3. **Қодиров Ш.Ш.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, Директори иҷроияи Иттиҳодияи ҷамъиятии “Иқтисод ва маориф”, бо чунин эродҳо:

а) Дар автореферат шарҳи пурраи мафҳумҳои “монетизатсия” ва “манетаризатсия” оварда нашудаанд, бинобар ҳамин барои хонанда навгонии аввали нишондоди муаллиф нофаҳмо мебошад;

б) Дар матни автореферат (саҳифаҳои 12-16), хусусан дар ҷадвалу диаграммаҳо муаллиф нишондиҳандаҳои гуногунро аз қабили “сатҳи монетизатсия бо %”, “коэффисенти монетизатсия” ва “монетизатсия”-ро истифода намудааст, аммо фарқияти байни онҳоро шарҳ надодааст. Оё “коэффисенти монетизатсия” аз нишондиҳандаи “сатҳи монетизатсия бо %”, фарқ дорад?. Бузургии ин нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 1, диаграммаҳои 1 ва 2 як хел нишон дода шудаанд (28,6 дар соли 2019);

4. **Сангинова У.С.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, бо чунин эродҳо:

а) Дар саҳифаи 14 ҷадвали 2 динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи монетизатсия пешниҳод гардиданд, лекин оид ба омилҳои дигар аз ҷумла даромад, хароҷот, сармоягузорӣ ва омили калидии иқтисодиёт тавварум дар автореферат маълумот пешниҳод нагардидааст;

б) Нишондиҳандаи сатҳи тавварум дар автореферат кам таҳлил гаштааст, ҳол он ки яке аз нишондиҳандаи асосии такондиҳандаи таъминнокии пул дар иқтисодиёт дарак медиҳад.

5. **Комилов Н.Б.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, бо чунин эродҳо:

а) Дар саҳифаи 10 расми 1 муаллиф заминаҳои пайдоиши назарияи танзими пулиро пешниҳод намудааст, ки маҳсули дастони олимони хориҷӣ мебошанд. Хуб мешуд, агар аз ақидаи олимони ватанӣ ва пайдоиши назарияи танзими пулиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода мешуданд;

2) Дар саҳифаи 13, диаграммаи 1,2 вобастагии татбиқи сиёсати монетарӣ бо сиёсати фискалӣ пешниҳод гардидаанд, лекин шарҳи илмии натиҷаи таҳқиқот кам оварда шудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо дарназардошти пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии

диссертатсияи бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқоти иқтисодӣ-омории сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст. Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**Аз тарафи довталаб коркард ва пешниҳод карда шудааст,** системаи нишондиҳандаҳои бо пул таъмин кардани иқтисодиёт, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст, ҳамчун тавсифи миқдории омилҳои таъсиррасон вобаста ба давраҳои вақти монетизатсиякунонии иқтисодиёт асоснок карда шуда, пешниҳод гардидаанд. Дар баробари ин вобаста ба ҳолати кунунии сатҳи бо пул таъмин кардани иқтисодиёти кишвар модели омилии сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ таҳия гардидааст, ки ҳиссаҳои қиёсии таъсиррасони се омили асосӣ: коэффитсиенти сатҳи самаранок истифодабарии ҳаҷми пул барои қарздиҳӣ, сатҳи мувозинати пойгоҳи захираҳои (ресурсҳои) бонкӣ ва коэффитсиенти сатҳи боваринокии мардум ба бонкҳо дар асоси ҷалби пасандозҳо (амонатҳо) ба сатҳ ва динамикаи таъминнокии иқтисодиёт бо пул арзёбӣ ва мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

**Бояд қайд намуд, ки аз тарафи довталаб исбот шудааст** тавассути истифодаи таҳлили коррелиятсионӣ ва регрессионӣ ошкор ва муқаррар карда шуд, ки дар ҳолати зиёдгардонии ҳаҷми қарзҳо қисман қонеъгардии талаботи бахши хусусӣ ва дар мавриди зиёд кардани нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул, баръакси ҳолати мазкур ба болоравии сатҳи таваррум оварда мерасонад.

**Дар баробари ин дар асоси омӯзиши довталаб барои ҷорӣ** намудани таҳлили ҳамаҷонибаи динамикаи тағйирёбии сохтории нишондиҳандаи агрегатҳои пулӣ истифодаи усули ҳисоби коэффитсиенти интегралии тафовути сохтории К. Гатев ва индекси А. Салаӣ ба мақсад мувофиқ

мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар:**

- **таҳқиқоти** диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои иқтисодӣ - оморӣ дар рафти гузаронидани таҳқиқот, инчунин таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот дар конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардонад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, ки бори аввал дар ҷоддаи илм ба назар мерасад, аз ҳолати кунунии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар 28-соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гашта, пешниҳод карда шудааст.

**Ошкор карда шуд**, ки барои арзёбӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи сатҳи монетизатсияи иқтисодиёти миллӣ, ки аз тарафи олимони соҳа таҳқиқоти ҷузъӣ ба назар мерасад, нокифоя аст. Бо ҳамин сабаб, аз нуқтаи назари довталаб, барои арзёбӣ ва таҳлили системаи нишондиҳандаҳои сатҳи монетизатсия истифодаи модели омилии мултипликативӣ дар шакли ҳисоботи семоҳа мувофиқ ба мақсад мебошад.

- **аҳамияти назариявии** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сифати заминаҳои асосии коркарди илмӣ доир ба масъалаҳои монетизатсияи иқтисодиёт натанҳо дар ҷараёни таълим, инчунин дар фаъолияти амалӣ аз он ҷумла истифодаи модели мултипикативӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад, ки :**

- **коркард ва ва ҷорӣ карда шудаанд**, ки муқаррароти назариявии дар раванди таҳқиқот таҳияшуда, равишҳои асоснокшудаи методологӣ доир ба сатҳи монетизатсия ва раванди таъминкунии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пул дар фаъолияти амалӣ истифода шуда метавонад ( Раёсати минтақавии бонки миллӣ дар ноҳияи Ғарм аз 25 сентябри 2021, № 4).

- **муаян карда шудаанд, ки** методологию назариявии гузаронидашуда дар оянда ҳамчун базаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии механизмҳои арзёбӣ ва идоракунии сатҳи монетизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак расонад. Дар амалия

хусусан, дар низоми бонкдорӣ, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курси "Омори пулӣ ва қарзӣ", "Омори бонкӣ", "Омори иҷтимоӣ-иқтисодӣ" ва "Омори молия", "тавозуни пардохт" истифода бурда шаванд. (Санад оид ба татбиқи натиҷаҳои рисолаи илмӣ №3 аз 20.09.2021сол аз тарафи ДДМИТ.).

**Аз тарафи довталаб** шарҳи мафҳуми монетизатсияи иқтисодиёт ва муҳтавои он дар рушди иқтисодиёти миллӣ пешниҳод карда шуд**, ва ҳамзамон** системаи нишондиҳандаҳои омории монетизатсияи иқтисодиёт таҳия гардида, истифода карда шуд.

Дар баробари ин истифодаи таҳлили корреляционӣ ва регрессионӣ тағйирёбии рушди иқтисодӣ муайян карда шудааст, инчунин барои таҳлили ҳамаҷонибаи динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаи агрегатҳои пулӣ ҳисоби коэффитсиенти интегралии тафовути сохторӣ бо усули К. Гатев ва индекси А. Салаӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада барои ноил шудан ба масъалаҳои гузошташуда усулҳои умумии илми иқтисод, ки ба омӯзиши ҳодисаҳои иқтисодӣ асос ёфтаанд, аз қабили усулҳои диалектикӣ, риёзӣ, таҳлили сохторӣ, таснифӣ (классификатсия), динамикӣ, муқоисавӣ, коррелятсионӣ-регрессионӣ, моделсозии иқтисодӣ-оморӣ, индексӣ, инчунин бо тасвири графикӣ ва барномаҳои муосири омории коркард ва таҳлили маълумот, аз ҷумла барномаи Excel истифода шудаанд.

- **муаян шудаанд, ки** корҳои илмии бунёдии олимони ватанӣ, инчунин муҳақиқони мамлакатҳои дигар, дар шакли ташаккули консепсияҳо, таҳқиқи сиёсати монетарӣ, ҷараёни инкишоф ва ояндабинӣ, таъсири омилҳо дар баробари истифодабарӣ ва батанзимдарории сатҳи монетизатсия дар рушди иқтисодиёт ташкил медиҳад. Дар диссертатсия як қатор санадҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалӣ, монографияҳо ва дигар маводҳои дар матбуоти даврӣ нашршуда, захираҳои иттилоотии Интернет, инчунин коркардҳо аз ҷониби муаллиф истифода шудаанд.

- **истифодаи** ғояи таҳқиқот бо таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи чопи даврии иқтисодӣ ва воситаҳои ахбори омма, маводи конференсияҳо, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, захираҳои иттилоотии Интернет асоснок шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

Довталаб дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми муайянсозии мавзӯъ, ҳадафҳо, объекти таҳқиқот ва асосноккунии вазифаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо дар бурда расонидани муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқот то ба марҳилае, ки истифодаи мукаммалгардонии ҷанбаҳои ташкилии иқтисодии қонуниятҳои пул дар доираи раванди монетизатсиякунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

- Муқаррароту хулосаҳо ва нуктаҳои муҳими диссертатсия дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ироа гардидаанд. Бештари мақолаҳои муаллифи рисола дар солҳои 2016 – 2020 дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рӯи чоп омадаанд.

- натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудаанд (санади татбиқ аз ҷониби Раёсати минтақавии бонки миллӣ дар ноҳияи Ғарм аз 25 сентябри 2021, № 4; Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 15 сентябри 202, № 4);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 11 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 3,0 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявие, ки дар Донишггоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2015-2021 баргузор гардиданд, аз ҷониби муаллиф маърӯза карда шуданд.

Дар ҷаласа аз санаи 16.10.2021 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 қарор қабул кард, ки ба Холов Рустам Шермаҳмадович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор дода шавад.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ аз “15” нафар аъзои умумии шӯро “12” нафар, аз он ҷумла “4” нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз “12” нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: тарафдор “12” нафар, зид – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **С.Ф. Низомов**

**И.в., котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Р.С. Тоҳирова**

**16.10.2021**